# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба таҳқиқи диссертатсионии Қаюмова Сафармо дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ – аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна фарогири яке аз масъалаҳои муосир, мубрам ва илми забоншиносӣ, аз он ҷумла забоншиносии фарҳангӣ, яъне таҳлили лингвофарҳангии лексикаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мебошад ва ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ – аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ –таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир баррасии масъалаҳои марбут ба илми забоншиносии қиёсӣ диққати муҳаққиқону олимони тоҷикро ба худ ҷалб намудааст Зеро масъалаи омӯзишу пажуҳиши самтҳои гуногуни илми забоншиносӣ, махсусан, забоншиносии фарҳангӣ дар мадди аввал меистад. Омӯзиши лексикаи соҳаи боғдорӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ кайҳо диққати забоншиносону муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда буд. Махсусан, муқоисаи ин гурӯҳи калимаҳо аз забони тоҷикӣ бо забони олмонӣ, ки яке аз забонҳои қавмҳои ориёӣ маҳсуб меёбанд. Ба рисолаи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна аз ҳамин мавқеъ баҳо бояд дод.

Боиси таъкид аст, ки роҳбарон ва роҳнамоёни муҷаддидини замон равзанаи имконияти дигареро барои таҳлилу тадқиқи вожагони соҳаи боғдорӣ аз нигоҳи илми забоншиносии фарҳангӣ пешкаш мекунанд, ки боиси дастгирӣ ва қобили идома додан мебошад. Ин имконият барои ҳаллу фасли илмии масъалаҳои муштараки осори шифоҳӣ ва китобӣ, дарёфти

нуқтаҳои муштараки онҳо дар тасвири ҳаёти воқеӣ ва муайян намудани дараҷаи хизмати онҳо ба ҷомеаи муосир фароҳам оварда шудааст.

Забоншиносии фарҳангӣ бевосита шуури инсонӣ, фарҳанг ва забон равона шудааст, зеро фарҳанги миллӣ дар шуури ҷамъиятӣ таҷассум шуда, дар забон ифода ёфта, тавассути забон васила аз насл ба насли дигар мегузарад. Забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ низ чун ҷузъи фарҳанги миллӣ дорои манбаъҳои мухталифи ташаккул ва рушди худ буда, муайянсозии раванди ташаккули таркиби вожаҳои онҳо бе омӯзиши суннату анъанаҳои соҳаи боғдории мардуми тоҷик ва олмонизабон имконнопазир аст. Омӯзиши ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва майдони маъноии забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо бо забонҳои дигар, махсусан забони олмонӣ, ки решаи дури ориёӣ дорад, солҳои охир ба яке аз масъалаҳои мубрам миёни олимону донишмандон табдил ёфта истодааст.

Дар забоншиносии тоҷик ба ин масъала тавҷҷуҳи хосса дода истода, корҳои илмии зиёде ба назар мерасанд. Ин раванд аз ташаккулёбии робитаҳои байнизабонӣ ва байнифарҳангии халқи тоҷик бо миллати олмонитабор дарак медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиш ва муқоисаи забонҳо, махсусан, муқоисаи забони тоҷикӣ бо забони олмонӣ, ки яке аз қавмҳои деринаи ориёиҳо маҳсуб меёбанд аз ҷиҳати лингвокултурологӣ бояд ба тасвири ҷаҳони забони омӯхташаванда ё муқоисашаванда, майдони маъноӣ, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи ин забонҳо ва он сарчашмаҳои фарҳангие, ки ба ташаккул ва пешрафти онҳо асос гузоштаанд, диққати махсус дода шавад.

Солҳои охир тадқиқоти арзишманде дар ин самт барои илми забоншиносии тоҷик ба таври умум пешниҳод гардидаанд, ки кори диссертатсионии мавриди назари муҳаққиқ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравад.

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида, ба қалами муҳаққиқи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна тааллуқ дошта, ба таҳлили лингвофарҳангии лексикаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шуда, дар шароити кунунӣ мавзуи мубрам ва зарурист. Зеро дар ҳар

ду забон ҳам калимаву истилоҳоти соҳавӣ то айни замон пурра ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд.

Дар айни замон муҳаққиқони зиёде ба таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳои лингвофарҳангии калимаву истилоҳоти соҳаи боғдории забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо бо забонҳои дигар машғул буда, дар натиҷа мақому манзалат, хусусиятҳои милливу фарҳангии ин гурӯҳи калимаву истилоҳотро то андозае муайян намудаанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ яке аз забонҳои қадимаи қавмҳои ориёинажод маҳсуб ёфта, дар қисмати лексикии онҳо умумиятҳои зиёде ба мушоҳида мерасанд. Соҳаи боғдорӣ низ пешаи дӯстоштаи ин ду ақвом ба шумор рафта, таърихи пайдоиши куҳан дорад. Мавҷудияти ин соҳа дар китоби динии қадимаи ду ақвом ”Авесто” ёдрас гардидааст. Бо мурури замон дар сохтори морфологии ин забонҳо тағйиротҳои зиёде ба амал омадаанд, ки ин раванд таъсирашро ба лексикаи соҳаи боғдорӣ низ гузошта тавонист.

Ба ҳамин тариқ, калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз давраҳои аввали рушди забонҳо сарчашма мегиранд, дар ибтидои пайдоиши худ аксарияти ин калимаву истилоҳот ба ҳамон шаклу маъние, ки дар айни замон корбаст мегарданд корбаст шуда истодаанд.

Ба ақидаи муаллиф мушоҳидаҳо имкон доданд, муайян намоем, ки ба лексикаи соҳаи боғдорӣ бештар калимаву истилоҳоте, дохил мешаванд ки бо суннату анъанаҳои мардумӣ иртиботи зич доранд. Яке аз хусусиятҳои хоси калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ вобаста ба замон, макон ва ранг ба зуҳур омадаанд. Ва муаллиф бо як маҳорати беҳамто ин хусусияти онҳоро дар диссертатсия нишон дода тавонистааст.

Бояд қайд намуд, ки оид ба вожагони соҳаи боғдорӣ, мақом, вазифаҳо, хусусиятҳои милливу фарҳангии ин гурӯҳи калимаву истилоҳот миёни донишмандон баҳсу назарияҳои гуногун вуҷуд дошта, то ҳол идома дорад.

Пажуҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи лингвокултурологӣ бахшида шудааст.

Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна соли 2003 ба факултети забонҳои романӣ – германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, соли 2008 донишгоҳи мазкурро бо дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯйи ихтисоси "муаллими немисӣ ва англисӣ" хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 19 –уми апрели соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума қабул карда шудааст.

Фаъолияти кории С.Ҷ. Қаюмова аз соли 2008 ба ҳайси омӯзгори кафедраи забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ шуруъ шуда, то соли 2009 дар ин вазифа фаъолият намудааст. Аз соли 2009 то 2015 ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар МТМУ №3 дар н. Темурмалик кор кардааст. Аз соли 2015 то соли 2017 дар МТМУ №32 ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ кору фаъолият намудааст. Аз соли 2018 то соли 2019 дар шуъбаи маорифи ноҳияи Темурмалик ҳамчун мушовири кабинети методӣ кор кардааст. Солҳои 2020-2022 ба ҳайси муаалими калони кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намудааст. Аз соли 2023 то инҷониб ба ҳайси муаалими калони кафедраи забонҳои хориҷии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Кори диссертатсионии Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия, ки “**Омӯзиши назариявии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ”** унвон дорад, аз чор фасл иборат мебошад.

Дар он масъалаҳои омӯзиши масъалаҳои забоншиносии фарҳангӣ, омӯзиши назариявии вожагони марбут ба дарахтони мевадор, омӯзиши назариявии вожагони марбут ба дарахтони бемева ва омӯзиши назариявии номгузории гулҳо дар забонҳои тоҷикӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Таснифоти мавзуии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ” номгузорӣ карда шуда”,** аз чор фасл иборат мебошад. Дар ин боб номгӯйи боғҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи дарахтони мевадор дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи дарахтони бемева дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ тақсимбандӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони ”**Қабатҳои лексикӣ-семантикии вожаҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ” ба** таҳлили лингвофархангии синонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, антонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, омонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ва сермаъноии мафҳумҳое, ки ба соҳаи боғдорӣ марбутанд, равона гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, ба далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Қаюмова Сафармо дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)»

ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ – аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедараи забоншиносӣ ва
рӯзноманигории,
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

**Маълумот барои тамос**
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечаки 1.
Хонаи № 2, ҳуҷраи №3.
Тел: 917 11 64 26
T-mail: dusanbedusanbe 68@gmail. com

Имзои Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода — Юсупова Б. Ғ.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
Тел:+2325029
T-mail: ddzt@ddzt.tj

Сана: “25” январи с. 2025